*"Тасдиқ мекунам"*
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., профессор Асрорзода У.С.**
**_______________**
**« » ноябри 2022 с.**

# ТАҚРИЗ

ба диссератсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию-иқтисодии давлат (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) », ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод гардидааст.

## Муҳимияти мавзӯи диссертатсия

Дар шароити гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ зарурияти таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба инкишофи ҳудудҳои деҳот боз ҳам мубрамтар гардида, дар ин замина тақозои боз ҳам амиқтари омӯзиши ин раванд ба миён мадааст. Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор маҷмӯи чорабиниҳо аз қабили қабули стратегияву барномаҳои давлатӣ роҷеъ ба инкишофи ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Бояд қайд намоем, ки қисмати зиёди аҳолии кишвар дар деҳот зиндагонӣ мекунанд ва аксари захираҳои табиии кишвар низ маҳз дар ҳамин деҳот ҷойгиранд. Бо мақсади инкишоф додани инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии деҳот аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми саривақтӣ, ин эълон намудани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" мебошад, ки бозгӯйи талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар дар самти мазкур мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои ангуштшуморест, ки дорои захираҳои зиёди

табиӣ мебошад ва қисмати зиёди чунин захираҳо то ҳол муаррифӣ нагардидаанд. Аз ин рӯ зарур аст, ки дар ин самт силсила пажӯҳишҳои илмӣ-назариявӣ анҷом дода шуда, роҳҳои минбаъдаи истифодаи самараноки онҳо аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шаванд.

Муҳимияти рисолаи номзадии мазкур дар он таҷассум меёбад, ки фарогири паҳлӯҳои муҳими ташаккули рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад ва дар ин раванд механизмҳои нави илман асоснокгардидае, ки сатҳи инкишофи соҳаи мазкурро дар бар мегиранд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррарот, хулоса ва пешниҳодот**

Таҳияҳои назариявию усулӣ ва дастурҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми раванди таълим дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии махсуси кишвар ҳангоми омӯзиши фанҳои иқтисодиёт дар КАС, мушкилоти муҳими идора дар КАС ва ғайра истифода шуда метавонанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ҷаласаҳои илмию техникии Шурои назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода шуда қарор доранд.

Ҳамин тавр, бо назардошти нуктаҳои дар боло овардашуда қайд менамоем, ки Мирзоев Сухбатулло Авғонович тавонистааст, ки эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро собит созад.

**Навгониҳои илмии натиҷаҳое, ки дар рафти тадқиқот ба даст оварда шудаанд**

**Навгонии илмии таҳқиқот** омӯзиши низоми идоракунӣ, асосноккунии мунтазам ва таҳияи маҷмуи тадбирҳои давлатӣ дар соҳаи ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат буда, бо натиҷаҳои зерин, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, муайян карда мешавад:

- мазмуни механизми рушди устувори ҳудудҳои деҳот ҳамчун низоми муттаҳидкардаи бисёрсатҳа пешниҳод шудааст. Он боназарошти махсусияти ҳудудҳои деҳот муносибати байниҳамдигарии мақомоти ҳокимиятҳои минтақавӣ ва маҳаллиро пешбинӣ мекунад, ки он ба амалӣ гаштани самтҳои асосии рушди деҳот нигаронида шудааст: рушди самаранокии иқтисоди деҳот, истифодаи сарфакорани захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот мебошад;

- усули арзёбии маҷмуии устувории ҳудудҳои деҳот муайян карда шуд. Асоси онро арзёбии мушаххаси нишондиҳандаҳои асосии таркибии рушди ҳудудҳои деҳот ташкил медиҳанд: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва қоидавӣ (институтсионалӣ) бо мақсади муайян кардани дараҷаи таъсири он ба нишондиҳандаи хусусии интегралии маконҳои зист, ҳамчунин ҳиссаи ҳар яки соҳаҳо дар нишондиҳандаи маҷмуи интегралии устувори ҳудудҳои деҳот бо баҳисобгирии минбаъдаи коэффсиентҳои маҷмуии суръатнокӣ рушди устувор мебошад;

- моделҳои маконҳои зисти деҳот муайян карда шуданд, ки ба рушди соҳаи хоҷагии деҳот бо назардошти шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асос ёфтаанд. Ин амал ба дарёфти ҷиҳатҳои устувор ва сусти механизми мавҷудаи рушди устувори ҳудудҳои деҳот кумак мерасонад;

- равиши консептуалии ташаккули механизми рушди устувори ҳудудҳои деҳот муайян карда шуд. Он имконият медиҳад, ки самаранокии иҷрои иқтидорҳои мавҷуда бо роҳи ҳамкории ҳамаи мақомоти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани идорашавӣ, таъмини буҷет ва самаранокии дастгирии маҳалҳои деҳот; якҷоякунии сарфакоронаи усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ дар раванди ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии масканҳои деҳот то андозае арзон карда шаванд;

- дар асоси баҳисобгирии маҷмуи иқтидорҳои табиию захиравии ҳудудҳо мақсаднокии рушди сайёҳии деҳот аз рӯйи панҷ самт (агротури-зм, таърихию кишваршиносӣ, этнофарҳангӣ, динӣ, истироҳатӣ (рекреат-сионӣ) ва се модел: маҷмуи сайёҳӣ, хонаҳои деҳот ва ҳавлиҳои деҳотӣ ташкил карда

шудаанд, ки барои ҳар яки ин шаклҳо самаранокӣ аз рӯйи вариантҳои руҳияи баланди инсонӣ таҳия шудааст, ки дар умум ҳамаи инҳо исбот карда шудаанд;

- механизми рушди экологии ҳудудҳои деҳот таҳия гардидааст, ки махсусияти он аз мониторинги давра ба давра, таҳлили низомӣ ва назорати ҳолати экологии ҳудудҳои деҳот, ошкорнамоии зуҳурот ва қонуниятҳои истифодаи иқтидорҳои табиию захиравӣ, ки ба пешниҳоди дастурҳо ва тартиби пешгӯии рушди экологии маҳалҳои деҳот имконият медиҳанд, иборатанд.

**Аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки аҳамияти назариявии диссертатсия аз муайян намудани моҳият ва мазмуни механизми рушди устувори ҳудудҳои деҳот, асоснокунии равишҳои усулии арзёбии он; таҳияи самтҳои истифодаи фишангҳои ташаккул ва иҷрои он иборат аст. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки таҳия ва пешниҳодҳое, ки баланд афзуншавии самаранокӣ, мутобиқгардонии қарорҳои ташаккули механизми рушди устувори ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатро таъмин мекунанд. Равишҳои ташаккули механизми рушди устувори ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқ-тисодии давлат, ҳамчунин арзёбии онҳо барои таҳия ва иҷрои стратегияи идораи рушди устувори ҳудудҳои деҳот ва мақомоти ҳокимияти шаҳрдорӣ (мунитсипалӣ) давлатӣ, ҳамчунин ҳангоми ташаккули барномаҳои мақсадноке, ки баҳри баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои табиию захиравии ҳудудҳо равона шудаанд, ҳамчун пойгоҳ хизмат карда метавонанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии анҷомдодаи Мирзоев Сухбатулло Авғонович арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дошта, ба ҳалли масоили муҳим бахшида шудааст.

**Эродҳо нисбат ба диссертатсия:**

1. Сифати диссертатсия илмӣ хело баланд мешуд, агар муаллиф дар параграфи 2.2. танзими давлатии механизми рушди ҳудудҳои деҳотро боз ҳам бештар мавриди таҳлил қарор медод.

2. Барои боз ҳам баланд бардоштани сифати диссертатсияи илмӣ хуб мешуд муаллиф ба тадқиқотҳои муаллифони ватанӣ бештар аҳамият медод.

3. Диссертатсияи илмӣ хело назаррас ба чашм мерасид агар муаллиф ба ҷанбаҳои макроиктисодии масоили мазкур боз ҳам бештар аҳамият медод.

4. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Вале, ин эродҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд. Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи пурра анҷомёфта мебошад, ки навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навоварии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсияи илмӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии рушди ҳудудҳои деҳот ва таъсири он ба инкишофи иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ медиҳанд.

**Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Мирзоев Сухбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию-иктисодии давлат (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ шарҳ додан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Таълифоти муаллиф, ки 20 номгӯйро дар бар мегиранд, аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои тадқиқот шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Мирзоев Сухбатулло Авғонович ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон санаи 02.11.2022 с. бо суратҷаласа таҳти №4/1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ҷурабоев Ғ.Ҷ.**

**Тақризро омода намуд,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Султонзода Ҷ.У.**

**Котиби ҷаласа** **Мусозода Б.Ш.**

Имзоҳои Ҷурабоев Ғ.Ҷ., Султонзода Ҷ.У. ва Мусозода Б.Ш. -ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДБССТ** Ҷураев Ш.Н.

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон , 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+992 37) 234-88-00, www.dsx.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.